## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-064 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) ба диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси **06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**.

Таҳқиқоти диссертатсионии Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида дониста мешавад ва дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта, ба шумор меравад. Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионӣ ба омӯзиши хусусиятҳои агробиологии коллексияи намунаҳои гандуми мулоими ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити водии Вахш равона гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Барои қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба озуқворӣ мутобиқати зироатҳо ба оқибатҳои номусоиди тағйирёбии иқлим хело зарур аст. Дар ин раванд олимон оид ба интихоб ва таҳқиқи намунаҳои гуногуни зироатҳои ғаллагӣ аз коллексияи ҷаҳонии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии умумироссиягии растанипарварӣ ба номи Н.И. Вавилов гирифташуда, таҳқиқоти зарурӣ гузаронида шудаанд. Интихоб ва таҳқиқӣ намунаҳои ояндадори гандум, ки ба минтақаҳои гуногуни табиӣ-иқлимӣ устуворанд, имкон медиҳанд, ки дар оянда навъҳои нави серҳосил ва хушсифати ғалладона ва маҳсулнокии баланду устуворро доранд дар ҷумҳурӣ таъмин намоянд. Омӯзиши хусусиятҳои нашъунамо, рушд ва ташаккули ҳосили намунаҳои гуногуни гандум аз коллексияи ҷаҳонӣ дар минтақаҳои гуногуни табиию иқлимии Тоҷикистон нисбатан кам гузаронида шудааст. Истифодаи намунаҳои гуногуни коллексия барои интихобу хостагирӣ дар корҳои селексионӣ, дар чунин кишвари кӯҳсор, мисли Тоҷикистон, хеле саривақтӣ мебошад. Бинобар ин, чунин масъалаи муҳим мавриди таҳқиқоти кори илмии унвонҷӯ қарор дода шудааст.

**Навгонии илмиии тадқиқот.** Бори аввал хусусиятҳои ташаккули аломатҳои морфологӣ ва аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданоки 15 намунаҳои нави гандуми коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими ҷануби Тоҷикистон парваришёфта омухта шуда, ба аломатҳои морфологии намунаҳои гандуми мулоим бо ворид намудани нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ҳангоми кишт баҳои умуммии илмӣ дода шудааст. Бартарии парвариши намунаҳои нави мутобиқшудаи гандуми воридоти нисбат ба навъи назоратии «Ормон» дар шароити иқлимии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон муқаррар карда шуд.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Бори аввал хусусиятҳои нашъунамо ва инкишофи намунаҳои гуногуни гандуми мулоими

аз коллексияи ҷаҳонӣ гирифташуда дар шароити ҷануби Тоҷикистон омӯхта шуданд, ки аҳамияти калони илмӣ-амалӣ доранд.

Муқаррар карда шудааст, ки ҳосили намунаҳои нави таҳқиқшудаи гандум дар ҳамаи вариантҳои ворид намудани нуриҳои маъдании нитроаммофоска назар ба навъи гандуми назоратии «Ормон» аз 22,4 то 91,2 фоиз зиёд аст. Дар варианти бе ворид намудани нитроаммофоска ҳангоми кишти гандум ҳосили баландтарин дар намунаҳои гандуми ITMI -7, ITMI -9 ва ITMI -55 мушоҳида шуд, ки аз навъи назоратии "Ормон" мутаносибан 108,9; 114,7 ва 105,5 фоиз зиёд аст. Ҳангоми ба ҳар гектар ба андозаи 300-500 килограммӣ ворид намудани нитроаммофоска аз ҷиҳати ҳосилнокӣ намунаҳои гандум ITMI – 5, ITMI-30, ITMI-32 ва ITMI-75, бартари доранд, ки нисбат ба навъи Ормон ин фарқият мутаносибан 88,8; 96,3; 101,7 ва 93,1 фоиз ё қариб 2,0 баробар зиёд аст. Барои ба даст овардани ҳосили баланд ва сифати хуби дон 4 намунаи нави ояндадори гандуми муллоими аз коллексияи умумиҷаҳонии ба шароити иқлимии ҷанубӣ Тоҷикистон парваришшуда барои ба Комиссияи давлатии навъсанҷи ҷиҳати дар истеҳсолот ҷорӣ кардан тавсия карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқот**. Саҳми шахсии довталаб дар ҷустуҷӯ ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, иштирок дар таҳияи ғояҳои илмии таҳқиқот, интихоби навъ ва намунаҳои гандум, таҳия ва гузаронидани таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ ва саҳроӣ, дар коркарди оморӣ ҳангоми ҷамъбаст намудани натиҷаҳои бадастомада, навиштани мақолаҳои илмӣ ва рисола иборат мебошад. Ҳиссаи иштироки унвонҷӯ дар таҳқиқот зиёда аз 85 фоизро ташкил додааст.

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Резмонова Қурбоной Шарифовна аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, инчунин ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фаромоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Бори аввал хусусиятҳои нашъунамо ва инкишофи намунаҳои гуногуни гандуми мулоими аз коллексияи ҷаҳонӣ гирифташуда дар шароити ҷануби Тоҷикистон омӯхта шудаанд. Муқаррар карда шуд, ки намунаҳои гандуми ITMI-1, ITMI-3, ITMI-6, ITMI-9, ITMI-30, ITMI-32, ITMI-55, ITMI-75, ITMI-77 ва ITMI-103 аз рӯйи баъзе нишондодҳои ҳосилнокӣ нисбат ба навъи назоратии «Ормон» бартарӣ доранд. Инчунин, муайян карда шуд, ки намунаҳои таҳқиқшуда назар ба навъи гандуми «Ормон» микдори бештари

сафеда доранд. Миқдори сафеда махсусан, дар намунаҳои гандуми ITMI-3, ITMI-9, ITMI-30, ITMI-32, ITMI-77, ITMI-103 ва дигар моддаҳои зарурӣ дар намунаҳои гандуми ITMI-1, ITMI-3, ITMI-5, ITMI-9 ва ITMI-75 нисбат ба навъи гандуми «Ормон» бештар мебошанд.

Муқаррар карда шуд, ки ҳосили намунаҳои нави мутобиқшудаи гандум дар ҳамаи вариантҳои вориднамудаи нуриҳои маъданӣ (нитроаммофоска) назар ба навъи гандуми назоратии «Ормон» аз 22,4 то 91,2 фоиз зиёд аст. Дар варианти бе ворид намудани нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ҳангоми кишти гандум ҳосили баландтарин дар намунаҳои гандуми ITMI -5, ITMI -6, ITMI – 7, ITMI – 9, ITMI – 30; ITMI -32 ва ITMI -75 мушоҳида шуд, ки аз навъи назоратии «Ормон» мутаносибан 94,5; 88,7; 77,37; 84,09; 93,57; 100 ва 74,31 фоиз зиёд аст.

Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаи нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавобгӯй мебошад, ки ин аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовнаро дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-– Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-ми талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267)

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзӯӣ «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-– Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқиашон ба ихтисоси 06.01.01-– Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Набиев Толиб -** доктори илмҳои кишоварзӣ, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Россия профессори кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.

**– Музафарзода Даврон Маҳмадшариф** – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** – Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбеков тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**:

Доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, сароходими илмии шуъбаи кимиёи агрономии Институти зироаткории АИКТ — Н.М. Асозода

**Аъзои комиссияи экспертӣ**:

Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур — М.С. Норов

Номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи агрокимиёи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур — Н.Ш. Иброҳимов

26 .04.2025